# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзӯи “Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст.**

Назаров Муродалӣ Солиҳович соли 2012 Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси менеҷмент, бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда худи ҳамон сол барои идомаи таҳсил ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, шуъбаи магистратура, ихтисоси менеҷмент дохил шуда, соли 2014 зинаи мазкурро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намуда, аз худи ҳамон сол то инҷониб ба ҳайси асистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Дар баробари ин Назаров Муродалӣ Солиҳович моҳи сентябри 2019 ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои дарёфти унвони илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600-иқтисодиёт дохил шуда, соли 2022 зинаи докторанти PhD-ро аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) хатм намудааст.

Назаров М.С. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаъҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин бояд қайд кард, ки Назаров М.С. ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Умуман, Назаров М.С. дар раванди таҳқиқот худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории соҳаи таҳқиқшавандаро омӯхтааст.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Назаров М.С. аз он бармеояд, ки Навсозии бонизоми иқтисоди миллӣ дар солҳои охир барои ташаккули шароити мусоиди иқтисодиву

иҷтимоӣ замина фароҳам овард, ки меъёри асосии рушди иқтисодии кишвар сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Воқеан, сатҳи зиндагӣ самарабахшии меҳнатро дар ҷомеа инъикос менамояд, он ба сифати сарчашмаи дороии миллӣ баромад намуда, нишондиҳандаи раҳоӣ аз буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Дар сарсухан муаллиф мубрамияти мавзӯи илмиро асоснок намуда, истифодаи усулҳои муосирро оид ба моҳияти мафҳуми «сифат» ҳамчун истилоҳи гуногунпаҳлӯ арзёбӣ карда мешавад.

**Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои назариявию услубии сифати зиндагӣ дар минтақа»** мафҳумҳои масоили сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа дар таҳқиқоти назариявӣ баррасӣ шуда, моҳияти илмии онҳо ошкор карда шудааст, инчунин заминаҳои асосии омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунадаи сифати зиндагӣ асоснок ва методологияи баҳодиҳии сатҳи он пешниҳод гадида, сифати зиндагӣ ва милликунонии ҳадафҳои рушди устувор пешниҳод шудааст.

**Дар боби дуввум** – "Баҳогузории сатҳи зиндагии аҳолии минтақа", вазъи иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтидори корӣ дар вилояти Хатлон, баҳогузории ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа ва таҳлили муқоисавии сатҳи зиндагии аҳолии шаҳр ва деҳот дар вилояти Хатлон ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ шудаанд.

**Боби сеюм** – «Баландбардории самаранокии рушди иқтидори меҳнатии КАС дар асоси ташаккули механизмҳои идоракунии сифати ҳаётгузаронӣ», самтҳои асосии такмилдиҳии механизми идоракунии сифати ҳаётгузаронӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти иқтидорҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагонии аҳолии вилояти Хатлон бахшида шудааст.

**Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот** навгонии илмии таҳқиқот – ташаккули мафҳуми "камбизоатии дарозмуддат", такмили методологияи баҳогузории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва такмили системаи мониторинги сатҳи зиндагии аҳолии минтақа мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот натиҷаҳои илмии асосии зерин ба даст оварда шуданд:

- дар асоси банизомдарории консепсия ва назарияҳои гуногуни илмӣ, дараҷаву сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳолат ва тамоюлҳои рушду равнақи он дар минтақа муайян карда шуда, шарҳи муаллифии мафҳуми "камбизоатии дарозмуддат", ки бо сабабҳои нарасидани воситаҳои рӯзгузаронӣ дар қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҳадди ақали шахс ё оила тавсиф карда мешавад, пешниҳод гардида, роҳҳои рушду равнақи он, аз ҷумла: тавассути ташкили шароитҳои иқтисодӣ, гузаронидани сиёсати

бо кор таъминкунии аҳолӣ, амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат, истеҳсолоти устувор, амалигардонии стратегияҳои комплекси агросаноатӣ, дохилнамоии технологияҳои пешқадам, истифодаи афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат, гузаронидани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ пешниҳод гардидааст;

- дар натиҷаи таҳқиқот зарурати мадди назар гирифтани сатҳи камбизоатии дарозмуддат муайян карда шуда, афзалиятҳои ба инобат гирифтани маърифати деҳот, истифодаи технологияи интенсивӣ ҳангоми баҳодиҳии фарқияти ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нишон дода шудааст;

- дар рисола бо далелҳои муътамади илмӣ нишон дода шудааст, ки дараҷаи "сатҳи зиндагӣ" нисбӣ буда, он вобаста ба муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тағйирпазир мебошад. Ин раванди мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ бозгӯи паҳлуҳои муҳими ҳаёти инсон мебошад, ки он фарогири масоили марбут ба иқтидори инсон дар ҷомеа ва мувофиқати хусусиятҳои ҷараёнҳо, инчунин шароит ва натиҷаҳои зиндагии инсон дар равандҳои хос– омилҳои маҳдудкунандаи рушди сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо дар марҳилаи кунунӣ ва ғ. мебошад;

- системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ дар муқоиса бо нишондодҳои мавҷуда чунин бозгӯиҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ин омил дар вилояти Хатлон метавон раванди онро ба таври дақиқ баррасӣ намоем ва бахри рафъи мушкилоти мавҷуда дар соҳаи мазкур чораҳои амалӣ андешем.

- дар ташаккули мафҳуми "камбизоатии дарозмуддат", такмили методологияи баҳогузории сифати зиндагӣ ва такмили системаи мониторинги сифати зиндагии аҳолии минтақа акси худро пайдо месозад.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ, инчунин поягузории илмии мансуб ба сатҳи зиндагии мардум истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълим, инчунин дар кори ташкилотҳое, ки ба таҳлил ва пешгӯии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ машғул мебошанд, мусоидат кунанд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастовардаи муаллиф аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати ноҳияҳо дар татбиқи барномаҳои кутоҳмуддати рушди маҳали Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Рисолаи доктори фалсафа (PhD)-и Назаров М.С. дар мавзӯи "Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зииндагии аҳолӣ (дар мисоли

вилояти хатлон)", ба талаботҳои КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани дарёфти дараҷаи доктаранти PhD, аз руйи ихтисои 6D050600-иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ҷавобгӯ мебошад ва кори мустақилонаи ба анҷом расонидашуда буда, барои муҳокимаи минбаъда ва ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктаранти PhD, аз руйи ихтисои 6D050600-иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**декани факултети молия ва қарзи**
**Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Нурализода А.Н.**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.**
**"10" 06 с.2022**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ